# СУРАТҶАЛАСАИ №145

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

**аз 12 августи соли 2026**

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 16 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд 14 нафар:** Раиси шуро - Иматзода Л.М., муовини раис - Раҳимзода Х., котиби илмӣ - Котибова Ш.П., аъзоён: Негматов С.Э., Гулмадов Ф., Латифзода Д.Н., Иззатова М.И., Каримзода М.Б., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

## РӮЗНОМА

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Мансурова Ҷамила Сулаймоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Котибова Ш.П. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба

шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Мансурова Ҷамила Сулаймоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Каримзода М.Б. - доктори илмҳои педагогӣ, раиси комиссия;
- Туронов С.Ш. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия;
- Лутфуллоева П.М. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: тарафдор - 14 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Л.М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п. дотсент** **Котибова Ш.П.**

*Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.- ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.